
Чист он



ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Матн аз халқ

Рассом: Сарвиноз ҲОҶИЕВА

Ороишгар: Владимир КАЗБЕРОВИЧ

Ёварон: Давриниссо ҶӮРАЕВА,

Мирзомуддин НУРИДДИН

Мушовир: Салоҳиддин ШАМСИДДИНОВ

Такмили китоб: ҶДММ “ArtAREA”

Ин китоб бо дастгирии саховатмандонаи Лоиҳаи шарикии СММ барои пешбурди ҳуқуқи шахсони дорои маъюбият (UNPRPD) таҳия шудааст.

Як ҷуфт кабӯтари алоянд,
Ҷуфтанд, зи ҳамдигар ҷудоянд,
Парвоз кунанд рӯйи дунё,
Аз хонаашон бурун наоянд.



# ЧАШМ





Тофтем, бофтем,
Паси кӯҳ партофтем.



# КОКУЛ





Мехи заррин,
Таги замин.



## САБЗӢ





Як падару як модар,
Боқимонда бародар.



## НАРДБОН





Танг аст кӯзача,
Танги ба танг аст кӯзача,
Кунгурадор аст кӯзача,
Даҳон надорад кӯзача.



## АНОР





Аз кӯҳ баланд аст,
Аз алаф паст аст.



# РОҲ






А
Б
В
Г
Ғ
Д
Е
Ё
Ж
З
И
Ӣ
Й
К
Қ
Л
М
Н
О
П
Р
С
Т
У
Ӯ
Ф
Х
Ҳ
Ч
Ҷ
Ш
Ъ
Э
Ю
Я


А
Б
В
Г
Ғ
Д
Е
Ё
Ж
З
И
Ӣ
Й
К
Қ
Л
М
Н
О
П
Р
С
Т
У
Ӯ
Ф
Х
Ҳ
Ч
Ҷ
Ш
Ъ
Э
Ю
Я

Ин китобча намунае аз силсиламаводи мусбати иртиботӣ оид ба ҳаёти кӯдакон ва калонсолони дорои маъюбият дар Тоҷикистон мебошад. Он барои кӯдакон таҳия шуда, бахше аз маъракаи фарогирии кӯдакону калонсолони дорои маъюбият дар саросари кишвар аст.

Силсиламаводи инноватсионии мазкур дар ҷараёни давраи омӯзишию амалии Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ), ки бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 то 8-уми апрели соли 2017 баргузор гардид, аз ҷониби як гурӯҳ иштирокдорони болаёқат таҳия шудааст.

Китобчаи «Чист он?» фарогири чистонҳои халқӣ буда, барои кӯдакони синну соли томактабӣ таҳия шудааст. Дар он барои истифода карда тавонистани шахсони нобиною ношунаво ҳуруфоти Брайл ва забони имову ишора низ оварда шудааст. Ҳатто кӯдаконе, ки нобиною ношунаво нестанд, метавонанд он забону ҳуруфотро омӯхта, бо нафарони нобиною ношунаво робитаи бевосита барқарор кунанд.

Агар фарзанди шумо дорои маъюбият бошад, умедворем, ки аз хондани ин китобчаи тоҷикии фарогири ҳаёти ҳама кӯдакон хушҳол хоҳад шуд. Агар фарзанди шумо дорои маъюбият набошад, ин китобчаро метавонед бо мақсади омода кардани ӯ барои шиносоӣ, пазироӣ ва дӯстӣ бо дилхоҳ кӯдак истифода кунед.

## Баъзе маълумоти муҳим дар бораи шахсони дорои маъюбият

- Шахсони дорои маъюбият ва бемаъюбият назар ба фарқ бештар умумият доранд.
- Одам ҳар қадар бо кӯдак ё шахси калонсоли дорои маъюбият бештар вақт гузаронад, ҳамон андоза тарсу ҳароси ӯ камтар мешавад.
- Муҳити беҳтарин барои инкишофи кӯдакони дорои маъюбият оила мебошад. Кӯдаконе, ки дар оилаи худ ба воя мерасанд, аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва равонӣ бештар осебнопазиранд ва хубтар инкишоф меёбанд.
- Кӯдакони дорои маъюбият қобилияти омӯхтани чизҳои зиёдеро доранд, ба шарте ки аз ҷониби оила, мактаб ва ҷомеаи худ дастгирӣ ёбанд.
- Кӯдакони дорои маъюбият аксаран дар якҷоягӣ бо кӯдакони бемаъюбият беҳтар меомӯзанд ва инкишоф меёбанд.
- Кӯдакон ва калонсолони дорои маъюбият метавонанд шахсони комил, хушбахт ва фоидаовар бошанд, агар барои онҳо дастрасӣ ба таҳсилот, тавонбахшӣ ва имкониятҳои баробар фароҳам шуда бошад.
- Кӯдакон ва калонсолони дорои маъюбият дилсӯзиро нисбат ба худ намепазиранд, балки хоҳони меҳрубонӣ, эҳтиром ва имкониятҳои баробар ҳастанд.
- Маъюбият «ҷазо» аз тарафи Худо нест. Он аз як шахс ба шахси дигар намегузарад.
- Кӯдакони дорои маъюбият ҳуқуқ ба дастгирӣ аз ҷониби соҳаҳои гуногун – тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ доранд.

ҲАР ЯКИ МО – ТАВОНО!